آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

28 августи соли 2024
Чоршанбе
№ 69 (15080)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# АҲАМИЯТИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАМКОРИҲОИ МИНБАЪДАИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ ТАЪКИД ГАРДИД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 27 август ҳайатро бо роҳбарии Раиси Шӯрои Ҷумҳурии Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Беларус Наталя Кочанова, ки аз мамлакатамон бо ташрифи расмӣ боздид ба амал меорад, қабул кард.**



*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

Масъалаҳои минбаъд амиқсозии муносибати бисёрҷанбаи байни Ӯзбекистон ва Беларус, инчунин вусъат додани ҳамкории байнипарлумонӣ баррасӣ гардиданд.

Дар оғози вохӯрӣ Наталя Кочанова ба роҳбари давлатамон паёми самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Президенти Беларус Александр Лукашенкоро расонд.

Президенти Ӯзбекистон рушди муттасили ҳамкории дуҷониба, фаъолсозии робитаҳо ва табодул бинобар қарордодҳоро, ки моҳи феврали соли ҷорӣ дар дараҷаи баланд имзо гаштааст, бо қаноатмандӣ таъкид кард.

Рушди ҳаҷми табодули мол мушоҳида мегардад, лоиҳаҳои ҳамкории саноатӣ бомуваффақият татбиқ мегарданд, шарикии кории байниминтақавӣ суръат пайдо мекунад, чорабиниҳои мунтазам дар доираи барномаи маданиву гуманитарӣ баргузор мегарданд.

Натиҷаҳои босамари чорабиниҳои муштарак дар самти парлумонҳо, ки ин рӯзҳо дар шаҳри Тошканд баргузор мегарданд, аз он ҷумла мулоқот дар Олий Маҷлиси Ӯзбекистон ва бизнес-форуми дуюми занон олӣ арзёбӣ гардид.

Аҳамияти идома додани гуфтугӯйи босуръати байнипорлумонӣ, ки ба пеш бурдани лоиҳаҳои мушаххаси ҳамкории байни ду мамлакат дар соҳаҳои савдо, саноат, хоҷагии қишлоқ, таълим, тандурустӣ ва дигар самтҳои бартаринок нигаронда шудааст, таъкид шуд.

**ЎзА.**

# БА ИШТИРОКДОРОНИ АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ «ГУФТУГӮЙИ ҶАҲОНӢ ДАР БОРАИ ҚАШШОҚИИ БИСЁРЧЕНА»

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Хонумон ва ҷанобон!

Шумо, коршиносони маъруфро аз истиқбол намудан дар Ӯзбекистони меҳмондӯст дар анҷумани дараҷаи баланд доир ба қашшоқии бисёрчена басе шод ҳастам. Мунокиша, буҳронҳои гуманитарӣ, эпидемиологӣ ва иқлимие, ки дар ҷаҳон идома доранд, имрӯз ба азму кӯшиши даст ёфтан ба Мақсадҳои рушди устувор ва коҳиши тамоми зуҳуроти қашшоқӣ хатари ҷиддӣ эҷод мекунад.

Дар чунин ҳолатҳо бисёр давлатҳои ҷаҳон барои гуфтугӯйи коршиносони бонуфуз ба умеди пайдо намудани роҳи самараноки ҳалли мушкилоти рӯзмарратарин дар бобати коҳиши қашшоқӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд.

Дӯстони азиз!

Имсол интихоб гардидани Ӯзбекистон ба сифати давлате, ки анҷумани бонуфузи мазкурро қабул менамояд, аз эътирофи байналхалқии ислоҳоти доманфарохи ҷории мо оид ба коҳиши қашшоқӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар панҷ соли охир, бо истифода аз бархурдҳои пешқадами хориҷӣ ва бо назардошти махсусияти мамлакатамон, мо таҷрибаи муваффақиятнокро дар мубориза бар зидди нодорӣ, бо шурӯъ аз зинаи поёнтарини он – маҳалла, таҷрибаи бобарор ғанӣ намудем.

**Аввал** ин ки бо мақсади баланд бардоштани даромади аҳолӣ мо ҳамдастии шаҳрвандонро дар дарёфти касб ва роҳандозии тиҷорати хусусӣ чун вазифаи бартаринок муайян намудем.

Дастгирии ҳамаҷонибаи аҳолиро дар ин масъала институти ёварони ҳокимон дар маҳаллаҳо зоҳир намуданд. Танҳо дар соли ҷорӣ кори доманфарох дар касбомӯзии **250 ҳазор** шаҳрванди бекор, ба соҳибкорӣ ҷалб намудани **2 миллион** нафар анҷом дода шуд.

**Дуюм**, дар Ӯзбекистони Нав самти асосии ислоҳот дар бобати таъмини манфиат, шараф ва қадри инсон беҳсозии шароити зиндагии ҳар як шаҳрванд, баланд бардоштани сифат ва фарогирӣ бо хидматҳои таълимӣ ва тиббӣ боқӣ мемонад.

Танҳо соли 2024 барои сохтмони кӯдакистон ва мактабҳо, вусъат додани хидмати тиббӣ, беҳсозии таъминоти оби ошомиданӣ, электроэнергия, инкишофи инфрасохтори роҳ дар маҳаллаҳо аз ҳисоби буҷа **31,5 триллион** сӯм ҷудо карда шудааст. Аз ҳама муҳимаш, дар татбиқи ин лоиҳаҳо иштироки маҳаллаҳо аз тариқи низоми «Буҷаи ташаббусӣ» баланд бардошта шуд.

**Сеюм**, низоми ҳимояи иҷтимоиро пурзӯр намуда, мо куллан ҳаҷми хидматрасонии босифатро ба хонаводаҳое, ки ба дастгирии давлат муҳтоҷанд, зиёд намудем. Бо ин мақсад Агентии ҳимояи иҷтимоӣ ташкил гардида, дар ноҳияҳо фаъолияти марказҳои хидмати иҷтимоии «Инсон» роҳандозӣ гардид.

Дар натиҷа беш аз **2 миллиону 300 ҳазор** оила, занон, шахсони пиронсол ва маълӯлон бо ҳимояи иҷтимоии кафолатнок фаро гирифта шуданд, ки он нисбат ба соли 2017 **4 баробар** зиёд аст.

Бинобар ин эътибори шуморо мехоҳам ба он нигаронам, ки дар сиёсати давлати мо фароҳам овардани тамоми имконот барои татбиқи потенсиали кӯдакони оилаҳои эҳтиёҷманд ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд.

Мо ба тарбияи фарзандони мамлакатамон аҳамияти бартаринок медиҳем, ки чун шахсони аз ҳар ҷиҳат мутаносиб рушдёфта, новобаста аз баромади иҷтимоӣ тарбия ёбанд. Дар се соли охир фарогирии бачаҳо бо таълими томактабӣ **аз 27 то 74** фоиз афзуда, дараҷаи қашшоқӣ дар байни бачаҳо **аз 22 то 14** фоиз кам гардид.

Ғайр аз ин, дар бобати таълими ҷавонон ба касбҳои замонавии сердаромад корҳои зиёд бурда мешаванд. Ҳамин тариқ, лоиҳаи **«Як миллион барномасоз»** татбиқ гардида, дар ҳар як ноҳия фаъолияти IT-марказҳо роҳандозӣ гаштааст.

Аз ҳисоби беҳсозии шароити ҳаёти **3 миллион** шаҳрвандони муҳтоҷи мамлакати мо дар се соли охир тавонистем, ки дараҷаи қашшоқиро **аз 17 то 11** фоиз кам гардонем.

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Мо азм дорем, ки дастгирии доманфарохи қишрҳои муҳтоҷи аҳолии ҷумҳуриро муттасил идома дода, дараҷаи қашшоқиро дар се соли оянда низ **то 7** фоиз кам гардонем.

Ӯзбекистон барои даст ёфтан ба чунин натиҷаҳои баланд манфиатдор аст, ки дар оянда ҳамкориро бо ташкилотҳои байналхалқӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ мустаҳкам намуда, табодули таҷриба намояд ва барномаву лоиҳаҳои мухталифро якҷоя татбиқ намояд.

Умед дорам, ки гуфтугӯ дар бораи қашшоқии бисёрҷанба ба мақсадҳои некамон хидмат менамояд, пешниҳодот ва тавсияҳои амалие, ки дар поёни он таҳия мегарданд, боз як қадам дар роҳи коҳиши қашшоқӣ дар тамоми ҷаҳон хоҳад шуд.

Ба кори анҷуман ва тамоми иштирокдорони он муваффақият орзу дорам.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ САРФАИ ЭНЕРГИЯ МУҲОКИМА ГАРДИД

***Президент Шавкат Мирзиёев 27 август доир ба масъалаҳои таъмини сарфаи энергия ва афзудани истифодаи манбаъҳои энергияи муқобил ҷамъомад баргузор намуд.***

Талабот ба захираҳои энергия дар мамлакатамон сол то сол меафзояд. Бинобар ин истгоҳҳои нав сохта шуда, иқтидорҳои тавлидотӣ пурзӯр карда мешаванд.

Ҳамзамон дар аввали соли ҷорӣ дар минтақаҳо нишондодҳои мақсаднок оид ба сарфаи электроэнергия ва гази табиӣ муайян карда шуданд. Зимни сафари роҳбари давлат ба вилояти Фарғона моҳи июл роҳҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноккардаи иҷрои ин нақша бо ду маротиба зиёд намудан муайян карда шуда буданд.

Олимони Донишкадаи политехникии Фарғона истеъмоли электроэнергияро дар ноҳияи Фарғона омӯхтанд. Ҳамин тариқ талафи солона дар зеристгоҳи «Лоғон», ки ба 4,6 ҳазор хонавода ва 233 соҳибкор хидмат мерасонад, 5 миллион киловатт-соатро ташкил менамояд. Ин аз меъёри талафи табиӣ 1,5 баробар зиёд аст.

Бинобар ҳисобу китобҳо, аз ҳисоби баробар тақсим намудани сарбории 113 трансформатор, ки аз зеристгоҳи мазкур электроэнергия мегирад, талафи 765 ҳазор киловатт-соатро бартараф намудан мумкин. Аз ҳама муҳимаш ин харҷ тақозо намекунад, зарур аст, ки фақат идоракунӣ дар корхонаи шабакаи электрикии ноҳия дуруст ба роҳ гузошта шавад.

Инчунин, насб кардани батареяи иқтидори реактивӣ ба 44 трансформаторе, ки ба насосҳои обӣ хидмат мерасонанд, метавонанд талафотро соле ба 1,1 миллион киловатт-соат кам гардонад.

Таъкид шуд, ки харҷ дар як сол сарпур мегардад.

Умуман, ҳисоб карда шудааст, ки дар 14 зеристгоҳи ноҳияи Фарғона талафот 15,5 миллион киловатт-соатро ташкил менамояд, ки ин ба ҳисоби миёна соле ба 6 миллиард сӯм баробар аст. Агар кор ҳамчунин босамар ба роҳ гузошта шавад, тавре ки дар боло гуфта шуд, нақшаи сарфаи электроэнергияро иҷро кардан мумкин аст.

Дар мамлакатамон 1800 чунин зеристгоҳ вуҷуд дорад ва қариб 100 ҳазор трансформатор ҳаст. Ба шахсони масъул доир ба татбиқи ин таҷриба дар дигар минтақаҳо супоришҳо дода шуд.

Дар Қароқалпоқистон дар бобати сарфаи газ натиҷаҳои хуб вуҷуд доранд. Дар 95 ҳазор хонавода аз ҳисоби иваз намудани сӯзишвории кӯҳна ба энергиясарфакунанда ва ҷудо намудани низоми гармидиҳӣ соле 145 миллион метри мукааб газ сарфа мегардад. Аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ насб кардани чунин бухориҳо боз барои 16 ҳазор оилаи эҳтиёҷманд шурӯъ гаштааст. Ба шарофати ин 20 миллион метри мукааб газ сарфа гардида, дар ихтиёри аҳолии эҳтиёҷманд 12 миллиард сӯм боқӣ мемонад.

Бинобар ин вазифаи иваз намудани системаи гармидиҳӣ дар 1 миллион хонаводаи мамлакат ба энергиясарфакунанда гузошта шуд.

Дар мамлакатамон 2349 истеъмолгари калони газ вуҷуд дорад. Дар байни онҳо самарабахшаш кам нест. Барои мисол, корхонаи истеҳсоли кошӣ дар Оҳангарон технологияи истифодаи такрории гармии бухоршавандаро татбиқ намуд. Аммо танҳо дар 25 фоизи истеъмолгарони калон таҷҳизоти замонавии сарфакунандаи газ насб карда шудааст.

Роҳбари давлат дар ин замина алоҳида таваққуф намуд ва таъкид кард, ки ҳокимияти вилоятҳо ва «Ӯзэнергоинспексия» бояд бо чунин масъалаҳо машғул гарданд. Доир ба дар корхонаҳои истеъмолгарони гази зиёд гузоштани технологияи сарфакунандаи энергия супоришҳо дода шуд.

Тавре ки маълум аст, бинобар фармони Президент аз 23 августи соли ҷорӣ Инспексияи назорат аз болои истифодаи электроэнергия, маҳсулоти нафту газ – «Ӯзэнергоинспексия» ба ихтиёри Девони Вазирон гузаронда шуд. Ин имконоти онро афзуда, самарабахшиашро меафзояд.

Аз ин пас ин кор бояд дар бобати истеъмолгарони калонтарини электроэнергия низ ба амал татбиқ карда шавад.

Аз ин лиҳоз таҷрибаи мусбӣ вуҷуд дорад. Барои мисол, дар канали Аму – Бухоро неругоҳи офтобии иқтидораш 100 МВт насб карда шудааст. Дар натиҷа энергияе, ки аз шабака ҳосил мегардад, 30 фоиз, ё худ 200 миллион киловатт коҳиш ёфтааст. Ба нақша гирифта шудааст, ки боз ҳамин қадар иқтидор роҳандозӣ гардад.

Бо назардошти он, ки 10-11 фоизи истеъмоли умумии электроэнергия ба корхонаҳои хоҷагии об рост меояд, вазифа гузошта шуд, ки дар се соли наздик истеъмоли электроэнергия дар онҳо ҳадди ақалл 25 фоиз кам карда шавад.

Боз як манбаи муҳими сарфаи энергия нерӯи офтоб ба шумор меравад. Барои мисол, соҳибкор дар Олтиариқ панелҳои офтобии иқтидораш 300 киловатт гузошта, соле 540 ҳазор киловатт-соат электроэнергия тавлид мекунад, ки ин 486 миллион сӯмро ташкил менамояд.

Имсол ба нақша гирифта шудааст, ки манбаъҳои муқобили энергия ба иқтидори умумии 182 МВт барои аҳолӣ ва 791 МВт барои соҳибкорон устувор карда шавад. Аммо дар ин самт кор дар баъзе вилоятҳо оҳиста пеш меравад. Шахсони масъули марбут ҷиддан огоҳонида шуданд.

– Устувор намудани манбаъҳои муқобили энергия сиёсати давлат аст – гуфт Президент.

Дар ҷамъомад ҳокимони вилоятҳо ва роҳбарони маҷмаи энергетикӣ дар бораи чорабиниҳо оид ба сарфаи электроэнергия ва гази табиӣ дар минтақаҳо ҳисобот доданд.

**ЎзА.**

# ДАР БОРАИ КУШОИШИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ ПАНҶОҲУ ШАШУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

Ҷамъомади умумии панҷоҳу шашуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон кори худро 28 августи соли 2024 соати 16:00 дар шаҳри Тошканд дар маҷлисгоҳи Сенати Олий Маҷлис сар мекунад.

Дар назар аст, ки ҷамъомади умумӣ дар шакли видеоконференсия баргузор гардад.

Ҷамъомади умумӣ бевосита аз шабакаи Сенат дар YouTube намоиш дода мешавад.

**ЎзА.**

# «ТАРОНАҲОИ ҶАҲОН» МЕШАВАД

***Дар ин рӯзҳо шаҳри бостонии Самарқанд ба майдони шодиву сурур ва иду баргузории консертҳо табдил ёфтааст. Баъди маросими ифтитоҳи ҷашнвора ва консерти дастаҷамъонаи санъаткорони Ӯзбекистон ва соири кишварҳо, ки дар майдони таърихиву маъруфи Регистон бо ширкати Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев ва меҳмонони зиёди хориҷӣ баргузор шуд, мушакпаррониҳо ба фазои он шукӯҳи тоза бахшид.***

Дар ҳақиқат, фазои рангорангу ҷилоҳои мушакҳоро аз чаҳор гӯшаи шаҳр тамошо кардан имконпазир гардид. Мардум гурӯҳ-гурӯҳ аз хонаҳои худ берун омада, ин манзараи ҷолиброро бо шавқу ҳавас тамошо карданд.

Рӯзи дувум дар ҳошияи Ҷашнвораи байналмилалии сензадаҳуми «Таронаҳои Шарқ» таҳти унвони «Фарҳанги мусиқии мардуми Шарқ: тамоюлҳои ҳамгироии эҷодӣ дар раванди глобализатсия» конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ баргузор гардид. Дар он олимону коршиносони соҳаи санъати овозхонӣ ва мусиқии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва якчанд кишвари ҷаҳон ширкат намуданд.

Дар доираи баррасию баҳсу мунозираҳое, ки дар меҳмонхонаи «Ҳилтон» байни иштирокчиёни он сурат гирифт, эътироф гардид, ки Ӯзбекистон дар соҳаи рушду такомули санъат нисбат ба солҳои гузашта хеле пеш рафтааст ва дигарон метавонанд аз мактабҳои эҷодии он ба таври фаровон истифода кунанд.

– Ман бори дувум аст, ки ба ин шаҳри дилрабову зебо ташриф овардам. Аммо ин дафъа боз бештар Самарқандро бо намои наву ҷилои дигар пайдо кардам. Кӯчаҳояш равону васеъ, биноҳои зиёди баланду бошукӯҳ, хиёбонҳои сарсабзу хуррам ва одамони басо самимиву меҳмонавоз дилҳоро тасхир намуда, ба кас роҳат мебахшанд. Чун анъана, майдони Регистон моро ба канор пазируфт ва мо аз барномаи хуби консертӣ баҳраманд шудем. Маро он нукта ба ваҷд овард, ки Президенти шумо иборои наверо вирди забон овард ва гуфт, ки минбаъд агар ба ҷойи «Таронаҳои Шарқ» мо «Таронаҳои олам» гӯем, ба мақсад мувофиқ хоҳад шуд, – гуфт хабарнигори яке аз рӯзномаҳои мисрӣ хонум Рубоб Фатҳӣ.

Вай афзуд, ки доираи меҳмонони ин ҷашнвора боз ҳам фарохтар гардидаву иштирокчиёни он бо овозхонҳову навозандагони зиёд ба карат афзоиш ёфтааст. Ин аз болоравии нуфузи Ҷашнвораи байналмилалии «Таронаҳои Шарқ» дар арсаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Вазири фарҳанги Ӯзбекистон Озодбек Назарбеков дар ҷараёни мулоқот бо журналистони маҳаллӣ ва хориҷӣ изҳор намуд, ки эътироз ва фикру назарҳои зиёд дар робита ба ҷойи аслиаш баргардонидани ин ҷашнвора қобили пазироӣ қарор гирифт.

– Мақомоти кишвар бо дарназардошти ин ҳол ба чунин қарор омаданд, ки аз «Шаҳри ҷовидон»ба Майдони Регистон баргардонидани тамоми чорабиниҳои «Таронаҳои Шарқ»-ба нуфузи он танҳо нуфузи бештар хоҳад афзуд. Тавре ки ҳамаи шумо шоҳид шудед, маросими ифтитоҳи он дар ҳамин майдон ба вуқӯъ пайваст ва чорабиниҳои дигари марбут ба он низ дар ин майдон роҳандозӣ хоҳанд шуд, – иброз дошт Назарбеков.

– Боиси хушнудист, ки пас аз ба сари қудрат омадани марди донишманду дурандеш Шавкат Мирзиёев муносибати байни Тоҷикистону Ӯзбекистон густариш ёфт, – иброз доштанд дуэтхонҳо Шоҳин Абдуллоев ва Фотима Машрапова аз Душанбешаҳр, – далели раднопазир дар Ҷашнвораи байналхалқии мусиқии «Таронаҳои Шарқ» ширкат варзидани вакилони кишвари мо аст.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҷашнвора аз 80 мамлакати ҷаҳон қариб 300 нафар мутрибону ҳофизон ба шаҳри бостонӣ ташриф оварда, ҳунарнамоӣ мекунанд .

Бигузор, дӯстиву ҳамкориҳо поянда бошанд!

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигорони «Овози тоҷик».**
*САМАРҚАНД.*



**Вилояти БУХОРО.** *Хонаи хидмати маишии тасарруфи ҶММ «Ҳунармандони фахрии Бухоро» ба истифода супурда шуд.*

*Дар Бухоро низ ба зиёд намудани ҳиссаи ин соҳа дар иқтисодиёт, дар ҷойҳо пурра ба кор андохтани имкониятҳои мавҷуда, васеъ намудани намудҳои хидматҳо ва баланд бардоштани сифати онҳо, аз ҳама муҳимаш, ба «драйвер» мубаддал кардани ин соҳа эътибори алоҳида дода мешавад.*

*Аз нав таъмир карда шудани хонаи хидмати маишии ҶММ «Ҳунармандони фахрии Бухоро», воқеъ дар маркази шаҳри Галаосиё, яке аз чунин саъю ҳаракатҳо мебошад.*

*Дар арафаи 33-солагии Истиқлоли ватанамон ба истифода супурда шудани ин маскан ба аҳолии минтақа туҳфаи муносиб гардид. Дар маркази мазкур сартарошхона, сехи дӯзандагӣ, ширинипазӣ, шохобчаҳои савдо барин беш аз 10 намуди хидмат ташкил карда шудааст.*

# ҲАШАРИ УМУМИХАЛҚӢ ДАР БУХОРО

***Маълум аст, ки 24-25 августи соли ҷорӣ дар мамлакатамон таҳти унвони «Маҳалла обод – кишвар обод» ҳашари умумихалқии хайрия ба амал омад.***

Ин тадбир дар вилояти Бухоро низ бо рӯҳбаландӣ баргузор гардид. Дар арафаи 33-солагии истиқлоли давлатӣ сурат гирифтани ҳашар сокинони 544 маҳалларо водор намуд, ки баҳри тозагию озодагӣ, ободию хуррамии ҷойи зист, кӯчаю деҳа, гузару хиёбон, зиёратгоҳу мазорҳои ҳудуд азму кӯшиш кунанд. Шоху шиббаҳои дарахтон, навдаю танаҳои нозеби гулбуттаю токҳоро бурида, намуди онҳоро дилкаштар гардонанд. Дар чунин рӯзҳо дастгирии маълӯлон, бекасу бепарасторон, собиқадорони фронти меҳнат, эҳтиёҷмандон қайҳост, ки ранги одатро гирифтааст. Ҳавлию манзилҳои оилаҳои камдаромад таъмиру таҷдид ёфтанд. Дар ҳашари умумихалқӣ талабаю донишҷӯёни мактабу донишкадаҳо фаъолона иштирок карданд.

***Дар Бухоро ба муносибати 1044-солагии зодрӯзи падари илми тиб – Абуалӣ ибни Сино, бо мақсади омӯзиш, тарғиб намудани эҷодиёт ва мероси илмии ӯ анҷумани илмию амалӣ ба амал омад. Чорабинӣ бо ҳамкории шуъбаи вилоятии ҳизби демократии «Миллий тикланиш», Фонди ҷамоатии Абуалӣ ибни Сино, Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро, шуъбаи вилоятии ёрии таъҷилии тиббии ҷумҳурӣ ва ҳокимияти ноҳияи Пешкӯ созмон ёфт.***

# АНҶУМАНИ ИЛМИЮ АМАЛӢ

Ба сухан баромадагон дар бораи ҳаёту фаъолият, китоби «Қонунҳои тиб» ва ақидаҳои олим бобати таълим, инчунин асарҳои тиббии ӯ таваққуф карда, муҳим будани омӯхтани онҳо, ҷуста ёфтан ва таҳқиқ намудани асарҳои ҳанӯз дастраснашудаи Шайхурраисро таъкид карданд. Аз ҷумла, роҳбари Фонди ҷамоатӣ, доктори илмҳои тиб, профессор Мусо Ӯринов гуфт, ки ҳоло аз Ибни Сино то мо 242 асар омада расидааст. 60-тои онҳо оиди фалсафа, илоҳиёт, 43-тоаш оиди муолиҷа, мантиқ 19-то, 26-то оиди руҳшиносӣ, 23-то илми тиб, 7-то оиди илми фалакиёт, 1-то математика, 1-то мусиқӣ, 2-то оиди кимиё, 9-то оиди этика, 4-то оиди адабиёт, 8-тоаш мукотибаҳои илмӣ мебошанд.

Олим дар «Қонунҳои тиб»-и худ дар бораи хусусиятҳои шифобахши қариб 900 растанӣ, роҳҳои истифодабарии онҳо изҳори ақида кардааст.

Ба мақсади рушд додани корҳои илмӣ ва табобати халқӣ дар Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро чоряк аср инҷониб кафедраи тиббии анъанавии ЮНЕСКО фаъолият дорад.

Дар чорабинӣ узви Сенати Олий Маҷлис, доктори илмҳои фалсафа, профессор Абера Ҳусейнова низ ба сухан баромад.

Иштироккунандагони анҷуман бо осорхонаи Ибни Сино, санадҳои муҳими ҳаёт ва асарҳои ӯ шинос шуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ОҲАНГҲОИ ҶАҲОН ДАР ПАРТАВИ СИТОРАҲОИ САМАРҚАНД

## *Меҳмонони хориҷӣ дар бораи Ҷашнвораи байналхалқии «Таронаҳои Шарқ»*

***Дар майдони муҳташами Регистон, дар мавзее, ки мадрасаҳои Улуғбек, Шердор ва Тиллокорӣ ба осмон қад кашидаанд, Ҷашнвораи байналхалқии «Таронаҳои Шарқ» оғоз гардид. Майдоне, ки бо рангҳои гуногун оғуштааст, ба манзараи зиндае шабоҳат дорад, ки ҳар кадом ҳошия то хурдтарин ҷузъи он мулоҳиза шудааст.***

***Ҷашнвораи санъат бо суханони табрикии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ифтитоҳ ёфт.***

«Анҷумане, ки бори сенздаҳум дар кишвари мо баргузор мегардад, «Шарқ тароналари» – «Таронаҳои Шарқ» номида мешавад, вале ҳамаи мо шоҳид ҳастем, ки алҳол бинобар мазмуну моҳияти худ вай ба ҷашнвораи «Оҳангҳои ҷаҳон» табдил ёфтааст, – гуфт роҳбари давлати мо. – Дар ин давраи сипаришуда бисёр суруду оҳангҳои пурҷозибаву зебо дар партави ситораҳои Самарқанд садо доданд! Бо шарофати анҷумани мо ҳувияти мусиқии дар Шарқи куҳан ташаккул ёфта, боиси эътирофи васеи байналхалқӣ гардид. Ҷашнвора даҳҳо номҳои сарояндагону мусиқорони боистеъдод, ҷавонони бомаҳоратро кашф намуд, ба онҳо болу пар, ба эҷодиёташон неруву илҳом бахшид».

Аз қадимулайём Самарқанд, ин шаҳри дорои таърихи ҳазорсола соҳибистеъдодҳоро аз тамоми ҷаҳон ба худ ҷазб менамояд, онҳоро барои офаридани асарҳои бузурги санъат илҳом мебахшад. Соли 2024 ин маркази маданият бори дигар таҳти садоҳои мусиқии Шарқ рӯҳ гирифт, барои даҳҳо нафар иҷрогарон, оҳангсозон ва тамошобинони ҷашнвораи «Таронаҳои Шарқ» дари худро боз намуд.

Ҷашнвораи байналхалқӣ чун анъана иштирокдоронро аз кишварҳои гуногун ҷамъ меоварад, соли 2024-ум низ аз ин мустасно нест. Дар саҳна оҳангҳои анъанавии Ӯзбекистон, ки бо савту навоҳои мусиқии Туркия, Ҳиндустон, Эрон, Озарбойҷон, Чин ва кишварҳои дигар ҳамоҳанганд, садо доданд. Ҳар як ҳунарпеша ба ҷашнвора як пораи фарҳанги худро бо ҳамҷӯрии навоҳои нодире, ки аз савту садо, сурудҳои гуногун ва созҳои вокалӣ саршор шудаанд, тақдим намуд.

«Таронаҳои Шарқ» – ин нафақат ҷашнвораи одии мусиқист, балки ҳодисаи мадании дорои аҳамияти ҷаҳонӣ мебошад. Вай нафақат ба ҳифз ва оммавӣ намудани мусиқаи анъанавии Шарқ мусоидат менамояд, балки ба сифати соҳати мулоқоти байни фарҳангҳо хидмат мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ин қабил ҳодисаҳо ба хусус муҳим мегарданд, ба ҳифз кардани гуногунрангии фарҳангӣ ва ҳусни тафоҳуми байни халқҳо кумак мерасонанд. Таҳти оҳангҳое, ки дар гӯшаву канорҳои мухталифи сайёра тавлид ёфтаанд, иштирокдорон ва тамошобинони ҷашнвора аз муҳити илҳомбахш, ки танҳо шаҳри бузурги Самарқанд метавонад тақдим созад, баҳраманд гардиданд.

Хабарнигори АИ «Дунё» бо чанде аз меҳмонони ҷашнвора ҳамсуҳбат шуд.

**Мушовири вазири корҳои хориҷии Қирғизистон Бақит АСАНГУЛ:**



– Пеш аз ҳама мехоҳам барои даъват шудан ба Ҷашнвораи мусиқии «Таронаҳои Шарқ» миннатдорӣ изҳор намоям. Муътақидам, ки ҷашнвора воқеан оммавӣ мегардад ва бренди навбатии робитаҳои фарҳангӣ ва дипломатӣ мешавад.

Ҳамчунин мехоҳам мардуми Ӯзбекистонро бо Рӯзи истиқлолият, ки наздик мерасад, муборакбод намоям, ба онҳо шукуфоӣ, сулҳу салоҳ ва фаровонҳолӣ таманно созам.

**Директори Пажӯҳишгоҳи байналхалқии тадқиқоти Осиёи Марказӣ Эврен РУТБИЛ (Туркия):**



– Ҷашнвораи «Таронаҳои Шарқ» ин воқеаи нодирест, ки қадру қиммати бебаҳо дорад. Он нафақат рамзи гуногунрангии фарҳанги Осиёи Марказӣ, балки соҳати бузурге барои мулоқоти байналхалқӣ ҳам ҳаст. Тавре ки медонем, мусиқӣ забони ҳамагонӣ ба шумор меравад ва дар шароити ҷаҳони зудбадали мо чунин ҷашнвораҳо бобати ҳифзи мероси фарҳангӣ ва таҳкими ҳусни тафоҳуми байни халқҳо нақши бузург мебозанд. Он чиз ба хусус муҳим аст, ки «Таронаҳои Шарқ» барои ба саҳнаи ҷаҳон баровардани сарват ва ғановати анъанаҳои мусиқии Шарқ, ки онҳо баъзан дар партави ҷаҳонишавӣ фаромӯш мешаванд, кумак мерасонад.

Самарқанд мавзеи нодирест, ки таърих, маданият ва санъат баҳам меоянд. Шаҳре, ки асрҳо яке аз марказҳои асосии Шоҳроҳи абрешим буд, миқдори бузурги асорати фарҳангҳо ва халқҳои мухталифро дар худ муҷассам намудааст. Танҳо иштирок дар ин ҷо, ҳузур доштан дар майдони Регистон, ба кас илҳом мебахшад ва имкон медиҳад, ки худро як ҷузви таърихи бузург эҳсос намояд. Соли равон «Таронаҳои Шарқ» анъанаи қаробати усулҳои мухталифи мусиқиро, ки имкон медиҳанд сарҳади жанрҳои анъанавӣ вусъат пайдо кунад, идома медиҳад.

Оҳангҳои туркӣ ва ӯзбекӣ, бо вуҷуди он, ки ба минтақаҳои гуногун мутаалиқанд, бисёр ҷиҳатҳои умумӣ доранд. Ин монандӣ нафақат бо қаробати ҷуғрофӣ маънидод мегардад, балки аз робитаҳои таърихии байни халқҳо маншаъ мегирад.

Ҳар ду маданият соҳиби созҳои зиёди мусиқӣ мебошанд, ки дар онҳо метавон бисёр ҷиҳатҳои умумӣ пайдо кард. Вале, ба фикри ман, мусиқии ӯзбекӣ пурҷӯштар аст ва ҳар кадом шунавандаро ба рақсу бозӣ даъват месозад.

**Сафири Бангладеш Муҳаммад Мунирул ИСЛОМ:**



– Дар навбати аввал мехоҳам таъкид намоям, ки Ҷашнвораи байналхалқии мусиқии «Таронаҳои Шарқ» ба пули мероси фарҳангии кишварҳои тамоми ҷаҳон табдил ёфт.

Шаҳри Самарқанд бо мероси ғановатманди таърихӣ ва меъмории нодири худ барои баргузории ҷашнвора мавзеи идеалӣ гардид.

Дар давроні мураккабиҳои ҷаҳонӣ ҷашнвораи мазкур роҳатбахш буда, мардумро ба некиву дӯстӣ ҳидоят мекунад.

Ҳамчунин мехоҳам мардуми Ӯзбекистон, роҳбарияти онро бо Рӯзи пешистодаи истиқлолият муборакбод гӯям ва комёбиҳои минбаъдаву дастовардҳои азим орзу намоям.

Бангладеш ва Ӯзбекистон дӯстони қарин ба шумор рафта, дар бисёр соҳаҳо монандиҳои зиёд доранд. Мо ба ҳамкории минбаъда ва мустаҳкамшавии робитаҳо умед мебандем.

Ҷашни фарорасидаистода муборак бод, Ӯзбекистони бародари мо!

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри САМАРҚАНД.*

# ВАЗИФАҲОЕ, КИ БУНЁДИ РУШДИ ТИҶОРАТИ ХУРД БА ИҶРО МЕРАСОНАД

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бо иштироки роҳбарияти Бунёди рушди тиҷорати хурд таҳти мавзӯи «Таҳлили корҳое, ки аз ҷониби Бунёди рушди тиҷорати хурд ба иҷро расонда шуданд» анҷумани матбуотӣ баргузор гардид.***

Намояндагони Бунёд Фазлиддин Зиёев, Фаррух Рашидов ва дигарон қайд карда гузаштанд: роҳбари давлати мо 18 августи соли 2023 зимни мулоқоти кушод бо соҳибкорон оиди вазифаҳои устуворе, ки дар назди ходимони соҳа ҳаст, аниқ ва равшан сухан ронд.

Бо мақсади таъмини иҷрои вазифаҳои муҳим дар ин самт ва офаридани «занҷири хидматҳои муттасил» оиди дастгирии тиҷорати хурд дар ҳузури БСТ «Қишлоқ қурилиш бонк» бо қарори Президент БСТ «Бонки рушди тиҷорат» ташкил карда шуд ва дар тасарруфи он Бунёди рушди тиҷорати хурд созмон ёфт. Дар 14 ҳудуди ҷумҳуриамон ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуди «Маркази ба тиҷорати хурд кумакрасон» ба бунёд омад.

Ташкил кардани курсҳои таълимӣ барои соҳибкорон, ба намояндагони тиҷорати хурд супурдани сертификатҳо, кумак ба ташаккули нақшаҳои тиҷоратӣ оиди лоиҳаҳо, баҳодиҳӣ ва интихоби лоиҳаҳо, молиявисозии лоиҳаҳо, саҳмдорӣ ба лоиҳаҳо, нишон додани хидматҳои маслиҳатӣ, кумак ба ҷобаҷогузории робитаҳои кооператсионӣ вазифаҳои асосии Бунёд ва марказҳои он дар ҳудудҳо мебошад, қайд карда шуд дар чорабинӣ.

Ғайр аз ин, Бунёд вазифадор аст ҷараёнҳои 10 навъи хидматрасонии молиявиро ташкил намояд ва онҳоро ҳамоҳанг созад.

Маълум мешавад то 1 августи соли равон ба платформаи тиҷоратии ҷумҳуриявӣ аз 186 ҳазору 777 нафар соҳибкорон ба тарзи онлайн 253 ҳазору 240-то ариза афтодааст.

Алъон 58 ҳазору 158 нафар соҳибкорон ба тарзи масофавӣ хононда мешаванд. Ба 52 ҳазору 377 нафар, ки хонданро бомуваффақият хатм кардаанд, сертификат дода шуд ва онҳо акнун ба кредит гирифтан ҳуқуқ доранд.

Аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба 40 ҳазору 691 нафар соҳибкорон оиди кулли василаҳои молиявӣ ба андозаи 3 триллион 968,1 миллиард сӯм вом ҷудо карда шуд.

Дар натиҷаи ба амал баровардани лоиҳаҳо аз ҷониби соҳибкорон, ки кредит гирифтаанд, бештар аз 34 ҳазор ҷойҳои корӣ ташкил карда шуданд.

Яке аз корҳои муҳим дар соҳа – омодасозии дастурҳои таълимиву видеоист. Дар давоми шаш моҳи охир бахшида ба бештар аз 100 навъ лоиҳаи тиҷоратӣ дастуруламалҳои зиёд офарида шуданд. Нахуст таваҷҷуҳи вакилони тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ дар кишвари мо омӯхта шуд, дар кадом дараҷа будани имконияту салоҳияти онҳо аниқ гардид. Маълум гашт, барои офаридани дастуруламалҳои замонавӣ ба мутахассисони пешбар эҳтиёҷ ҳис мешавад. Аз ҷониби Бунёд ба ҷараёнҳо мутахассисоне ҷалб карда шуданд, ки таҷриба ва дониши бой доранд, ҳамчунин дар майдони байналхалқӣ нуфуз пайдо намудаанд.

Дастуруламалҳои таълимӣ дар 5 самт – дар мавзӯъҳои истеҳсолӣ, хидматрасонӣ, кишоварзӣ, савдо ва сохтмон ба нашр омода карда шуданд.

Алъон 50 навъи дастуруламалҳо омода мебошанд. Аввалин партияи онҳо ба марказҳои ба тиҷорати хурд кумакрасон тақдим карда шуд. Айни замон аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба соҳибкорон ройгон тақсим карда додани адабиётҳои тиҷоратӣ ба нақша даровардa шудааст.

Баробари ҳамин, аз ҷониби Бунёди рушди тиҷорат дар давоми сол оиди лоиҳаҳои тиҷоратӣ офаридани 100 дастури видеоӣ мавриди назар аст. Ин видеоҳо дар асоси дастуруламалҳои таълимӣ омода мегарданд. Алҳол 35 видеодастур, ки аллакай омодаанд, ба лоиҳаҳои истеҳсолӣ, хидматрасонӣ ва кишоварзӣ бахшида шудаанд. Дар анҷумани матбуотӣ қайд гардид, ки ба ин қабил видеомаҳсулот тавассути шабакаи ютуби «Тиҷорати ман» шинос шудан мумкин.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**

## ХАБАРҲО

### ҶАШНВОРАИ «САЙРИ АНГУР» ДАР ТОШКАНД

***Имсол меваҷот назар ба ҳарсола зиёдтар. Ҷашнвораҳое, ки бо мақсади намоиш додани иқтидори эко ва экосайёҳӣ дар кишварамон гузаронда мешаванд, мазмуни тоза касб мекунанд. Аз ҷумла «Сайри ангур» дар ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд баргузор гардид.***

Мақсад – таъмини мавқеи муносиби бренди маҳсулоти миллии мо дар бозори ҷаҳон. Боғбон Рустам Тошпӯлодов аз ноҳияи Риштони вилояти Фарғона гуфт, наздик 10 навъ ангуреро бо худ ба ҷашнвора овардем, ки дар токзорҳоямон парвариш ёфтаанд, ният дорем бо омӯхтани таҷрибаи ангурпарварони паркентӣ ба комёбиҳои бештар даст ёбем ва доираи экспорти маҳсулоти худро васеътар намоем.

Ин гуна ҷашнвора дар пойтахт низ бо иштироки хоҷагиҳои фермерии тамоми вилоятҳо, соҳибкороне, ки дар самтҳои экотуризм фаъолият мебаранд, корхонаҳои винобарор ва ҳоказо хотирмон сурат гирифт. Намоиши стендҳои ангурпарварӣ ва виносозии миллӣ диққати иштирокдоронро ба худ кашид.

Ин гуна чорабиниҳо имконият фароҳам меоваранд эътибори сайёҳони олам ба Ӯзбекистон дучанд гардад. Ҳамчунин мутахассисони соҳаи ангурпарварӣ ва виносозӣ таҷриба иваз мекунанд. Барои ба бозори ҷаҳон баровардани маҳсулоти экотуризм имкониятҳо даст медиҳанд.

### ҚАБУЛИ САЙЁР ДАР ЧИЛОНЗОР

***Маълум, ки ҳалли мушкилоти аҳолӣ дар самтҳои гуногун ба боз ҳам беҳтар шудани дараҷаи зиндагӣ мусоидат месозад.***

Агентии кадастр ва Палатаи кадастрҳои давлатӣ дар ноҳияи Чилонзори пойтахт қабули сайёр ташкил намуд.

Дар он як қатор мутасаддиёни идораҳои шаҳри Тошканд иштирок карданд ва ба саволҳое, ки оиди номнавис кардани мулки ғайриманқул, расмисозии паспорти кадастр, гирифтани ҳуқуқи соҳибӣ ба мулк ва ғайра дода шуданд, ҷавоб гардонданд. Мазмуну моҳияти қонун «Дар бораи эътироф намудани қитъаҳои замини худсарона соҳибшуда ва ҳуқуқи соҳибият ба бинову иншооте, ки дар онҳо сохта шудаанд», фаҳмонида шуд. Таъкид гашт ба шарофати ин ҳуҷҷат ба аҳолӣ як қатор имкониятҳо фароҳам оварда шуд. Қобили таваҷҷуҳ боз он ки аксарияти масъалаҳои ба миён гузошташуда дар ҷойи худ ҳал гардиданд.

### ИШТИРОКИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ҲАШАРИ ХАЙРИЯ

***Ба муносибати 33-солагии истиқлол дар саросари кишварамон таҳти шиори «Маҳалла обод – кишвар обод» ҳашарҳои хайрияи умумихалқӣ гузаронида мешаванд.***

Яке аз чунин чорабиниҳо дар маҳаллаи Бешёғочи ноҳияи Чилонзор рӯйи кор омад. Дар он хусусан ҷамоаи Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд фаъолона иштирок кард. Донишҷӯёни фидоӣ дар хонадони оилаҳои муҳтоҷ корҳои таъмириву тармимӣ гузаронданд. Кӯча ва гузарҳо дар Бешёғоч файзи дигар пайдо намуд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Аз рӯйи ҷамъбасти шашмоҳаи соли равон фурудгоҳи байналхалқии Самарқанд дар рейтинги ACI Europe ҷойи дуюмро ишғол намуд.***

# ДАРВОЗАИ ҲАВОИИ САМАРҚАНД ФАРОХТАР МЕГАРДАД

Шӯрои фурудгоҳҳои байналхалқӣ (ACI) соли 1991 таъсис ёфта, марказаш дар Канада ва шуъбаҳои он дар мамлакатҳои Аврупо, Африқо, Осиё, Амрикои Лотинию Шимолӣ мавҷуд ва дар тасарруфаш 1979 фурудгоҳ дар 176 кишвари ҷаҳон ба қайд гирифта шудаанд.

Фурудгоҳи байналхалқии Самарқанд дар шуъбаи Аврупо буда, дар шаш моҳи охир комёбиҳои назаррасро ба даст овардааст. Ҳаҷми мусофиркашонӣ нисбати соли 2019 ба 196,6 фоиз афзуд, бо ибораи дигар гӯем, ба як миллиону 10 ҳазору 938 мусофир хидмати шоиста кардааст.

– Мақсади асосии мо, – иброз дошт саҳмдори Air Marylanda Бахтиёр Фозилов, – Самарқандро барои сайёҳони хориҷӣ пурҷозиба намуда, хидмати фурудгоҳро боз ҳам бештар, қулай ва ба андозаи ҷаҳонӣ расондан аст. Боиси хушнудист, ки фурудгоҳ 24 хатсайри байналхалқӣ дошта, аз ин ҷо ба Хитой, Туркия, Русия, Арабистон ва ғайра парвозҳои мунтазам амалӣ мешаванд.

Маъмурияти фурудгоҳ диққату эътибор ба харҷ медиҳанд, ки мусофирон аз хидмати беминнат баҳраманд гардида, бо таъби болида ба манзили хеш расанд.

Барои ба андозаи ҷаҳонӣ расидани фурудгоҳ ташаббуси Сарвари давлатамон хеле калон аст. Маҳз бо дастгирӣ ва маслиҳати хирадмандона ва дурандешонаи Президент бинои фурудгоҳ куллан тағйир ёфта, ниҳоят пурҷозиба гардид. Агар кас аз дур ба маҷмааи фурудгоҳ нигоҳ кунад, шабеҳи китоби боз пеши назараш меояд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Самарқанд.**

# БУНЁДИ ШАҲРИ «НАВОИИ НАВ» ОҒОЗ ГАРДИД

***Пӯшида нест, шаҳру деҳоти кишвар рӯз аз рӯз тарҳи нав пайдо мекунанд. Дар шафати шаҳрҳо шаҳрҳои нав бунёд мегарданд. Ин ҳама ба шарофати истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бунёд гардида, натиҷаи пойдории сулҳу ваҳдат ва осудагиву осоиштагии кишвар мебошад.***

Аз ин раванди бунёдкорӣ вилояти Навоӣ хуб бархурдор аст. Дар арафаи ҷашни бошукӯҳи 33-солагии истиқлол давлатӣ бунёди шаҳри «Навоии нав» дар шафати шаҳри Навоӣ оғоз гардид. Ин лоиҳа мутобиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи бунёд намудани марказҳои замонавии кории Business city дар ҳудуди ҷумҳурӣ» аз 2 августи соли 2018 дар амал тадбиқ мегардад.

Тибқи лоиҳа шаҳри нав инфрасохтори шаҳри Навоиро нигоҳ дошта, аз биноҳои бисёрошёнаи корӣ–тиҷоратӣ ва истиқоматӣ. иборат аст. Шаҳри нав дар майдони 1098 гектар бунёд мегардад. Ҳоло корҳои бунёдкорӣ дар майдони 450 гектар амалӣ мегардад.

Беҳтар гардонидани сохти меъмории шаҳр, ҷалбнамоии сармоягузорони хориҷӣ, ҳамчунин сохтмони иморатҳои замонавӣ, беҳгардонии хидматрасонӣ мақсади асосии татбиқи лоиҳа мебошад. Шаҳри нав дар ҳудуди маҳаллаи шаҳрвандии «Ёшлик» бунёд мегардад. Тибқи лоиҳа дар ин макон биноҳои замонавии баландошёнаи истиқоматӣ, марказҳои тиҷоратӣ, китобхона, боғи истироҳатӣ, ҳавзҳои сунъӣ ва устохонаҳои ҳунармандӣ барпо карда мешавад.

Бо қарори ҳокимияти вилоят барои роҳандозӣ ва назорати корҳои сохтмониву бунёдкорӣ дар назди ҳокимияти вилоят идораи давлатии «Дирексияи марказӣ–тиҷоратии «Шаҳри Нави Навоӣ» таъсис дода шудааст. Корҳои сохтмониву бунёдкорӣ давоми солҳои 2024 - 2040 ба анҷом расонида мешаванд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Қаҳрамонони Бозиҳои олимпии Париж-2024*

# БАҲОДУР ҶАЛОЛОВ – МУШТЗАНИ СОҲИБНОМ

***Воҳаи Сурхон ватани паҳлавонҳои далеру ҷасур, мардони сарбаланд аст. Далели ин гуфтаҳо, дар Олимпиадаи тобистонаи Париж-2024 якбора ду нафар варзишгарони воҳа: Баҳодур Ҷалолов ва Музаффарбек Тӯрабоев ғолиб гардида, шарафи Ӯзбекистонро дар арсаи байналхалқӣ сарбаландона ҳимоя намуданд.***



Маросими тантанавии истиқболи қаҳрамонҳои замони мо дар шаҳри Тирмиз баргузор шуд.

Фурудгоҳи байналмиллии Тирмиз намуди идона дошт. Баробари ба замин нишастани тайёра садои карнаю сурнай танинандоз гардид. Қаҳрамонҳои даврони мо – ғолиби дукаратаи Олимпиада Баҳодур Ҷалолов ва соҳиби медали биринҷӣ Музаффарбек Тӯрабоевро тантанавор пешвоз гирифтанд. Ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов ба Баҳодур Ҷалолов ва дорандаи медали биринҷӣ Музаффарбек Тӯрабоев ҷомаи зарбофт пӯшонида, аз номи аҳли воҳа табрик гуфт ва таъкид кард:

– Барои чунин имкониятҳоро ба ҷавонон, ба варзишгарон фароҳам овардан пеш аз ҳама, ба Президент Шавкат Мирзиёев ва баъдан ба мураббиёну варзишгароне, ки ин ғалабаҳоро ба халқу ватанамон армуғон намуданд, миннатдорӣ изҳор менамоем. Инчунин, ба падару модарони ҳарду варзишгари фатҳовар аз сидқи дил ташаккур мегӯем.

Инак, бамаврид аст, ки дар бораи қаҳрамонамон Баҳодур ва комёбиҳои ӯ ҳарф занем.

Баҳодур Ҷалолов 8 июли соли 1994 дар маҳаллаи Афросиёби ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё дар оилаи хидматчӣ ба дунё омадааст. Падару модар бо умед ба писар Баҳодур ном мегузоранд то ки паҳлавон, баҳодури замони худ шавад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Падари Баҳодур – шодравон Исомиддин Ҷалолов, ки худ низ паҳлавони номӣ буду солиёни зиёд дар соҳаи ҳуқуқу тартибот дар ноҳия шарафмандона хидмат намудааст ва модараш Собоҳат Ҷалолова, ки муаллимаи забон ва адабиёт буд ва дар коллеҷи касбу ҳунар, баъдтар дар мактабҳои рақами 83 ва 29-уми ноҳия фаъолият бурдааст, ба таълиму тарбияи фарзандон таваҷҷуҳи бештар додаанд. Онҳо аз хурдӣ шавқу завқи писарашон Баҳодурро дар соҳаи варзиш пай бурда, ба мактаби ихтисосонидашудаи 66-уми ноҳияи Сариосиё мегузоранд ва аз синфи 9-ум дар коллеҷи Захираҳои олимпии Чирчиқ таҳсил кардааст. Баъди хатми коллеҷ ба Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тошканд дохил шудааст.

Аз ҷавонӣ ҳам ба куштии миллӣ ва ҳам ба намуди муштзании варзиш меҳр дошт. Ҷангҳои муштзанони ҷаҳонро тариқи оинаи нилгун тамошо карда, чун онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ширкат варзида, ғолиб омаданро орзу мекард ва барои муваффақ шудан ба орзуи хеш пайваста талош меварзид, машқу тамрин менамуд. Дар мусобиқаҳои байнимактабии ноҳия ва берун аз он иштирок намуда, ғалабаҳо ба даст меоварду ва зина ба зина пеш мерафт.

Аввалин мураббии ӯ Ӯктам Саидов – дорандаи медали биринҷӣ дар чемпионати ҷаҳон мебошад. Мураббии болаёқат ба дили шогирди ҷавон меҳри муштзаниро андохта тавонист. Дар овони донишҷӯйи Баҳодур аллакай дар мусобиқаҳои бонуфуз ширкат меварзид.

Ҳамин тавр, Баҳодури ҷавон то моҳи майи соли 2018 дар сафи муштзанони ҳаваскор 130 ҷанг гузаронида, дар 104-тои он ғалаба ба даст овардааст, ки аз ин 28 ҷангро пеш аз муддат бо накаут анҷом додааст.

Аз 5 майи соли 2018 ҷангҳои касбӣ низ мебарад. Ӯ дар ин муддати кӯтоҳ 14 ҷанг гузаронида, 14 ғалабаро бо накаут анҷом додааст.

Натиҷаву ғалабаҳои ӯ дар чемпионатҳои минтақавию ҷаҳонӣ чунин аст: соли 2015 дар чемпионати ҷаҳон (Англия) соҳиби медали биринҷӣ, солҳои 2017 (Тошканд), 2019 (Бангкок) ва 2021 (Дубай) чемпиони секаратаи Осиё, соли 2022 (Ханчжоу) дар Бозиҳои Осиё чемпион ва соҳиби медали тилло, дар солҳои 2019 (Екатеринбург) ва 2023 (Тошканд) чемпиони дукаратаи ҷаҳон ва солҳои 2020 (Токио) ва 2024 (Париж) чемпиони дукаратаи Олимпиадаи тобистона гардид. Дар ҳамаи ин мусобиқаҳои бонуфузи байналмиллӣ аз рӯйи вазни 92+ кг ширкат варзида, то ҳол 8 медали тилло ва 1 биринҷӣ ба даст овардааст. Рейтинги ӯ дар миқёси дунё аз рӯйи намуди бокси WBC ҷойи 6; WBO ҷойи 15 ва BoxRec ҷойи 27-ум мебошад. Яъне, ӯ аз рӯйи вазни мутлақ дар 35-гонаи муштзанҳои дунё шомил аст. Ин натиҷаву муваффақиятҳо, албатта, ба таҳсин сазовор аст. Бо унвони «Ӯзбекистон ифтихори» (2019) ва ордени «Фидокорона хизматлари учун» (2021) сарфароз гардидааст.

Баҳодур Ҷалолов машқҳои пайвастаро бо мураббии худ Тӯлқин Қиличев гузаронидааст. Бо ин натиҷаҳо ӯ аз рӯйи бокси ҳаваскор ба дараҷаи шоҳи муштзанони ҳаваскор расида, баъд аз ғалабаи охирон минбаъд танҳо бо намуди варзиши муштзании проффессионалӣ қувваозмоӣ намуданашро эълом дошт.

Оре, Ватанамон бо чунин фарзандони номбардори худ ифтихор дорад. Ӯзбекистон дар таърихи худ чунин марраро то ҳол забт накарда буд. Варзишгарони марду ҷасури мо минбаъд низ натиҷаҳои аз ин ҳам баландтарро бояд қайд намоянд. Ғалабаҳои варзишгаронамон дар Олимпиадаи Париж-2024 ба ҷашни 33-солагии истиқлоли Ӯзбекистон беҳтарин армуғон гардид.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

*Дар мавзӯи ахлоқ*

# ДАРИ ТАЛБАНДАГӢ МАКШО...

Бо касбу кори ҳалол рӯзии покиза ёфта зиндагӣ кардан, аз танбалӣ, коргурезӣ, тайёрхӯрӣ парҳез намудан барои ҳар як фарди боэътиқоду бовиҷдон фарз аст. Инсон бояд ба касе муҳтоҷ нашуда, ба Офаридгор таваккал кунад ва мувофиқи иқтидору имконият меҳнат намуда, зиндагониашро пеш барад ва бо ин шарафи худро ҳифз намояд. Танбалӣ, коргурезӣ, тайёрхӯрӣ барин хислатҳои бад шаъну шарафи одамро паст мезананд.

Аз ин бармеояд, ки одами ҷисмонан солим барои ёфтани луқмаи ҳалол бояд ҳамеша дар ҳаракат бошад, худ ва аҳли оилаашро бо маош таъмин намояд.

Яке аз иллатҳои ҷамъияти фаровони имрӯзаи мо – талбандагӣ мебошад. Баъзе ҷавонзанони талбанда, ҳатто барои раҳми роҳгузаронро овардан кӯдакони ширмакашонро дар бағал гирифта мегарданд. Аз ин ҳол табъи кас хира мешавад.

Баъзе талбандаҳои калонсол ба ин кор наврасони мактабхонро ҷалб карда, гадоиро ба бизнес табдил додаанд, ки ин барои тарбияи наврасон ваояндаи онон зарарнок аст.

Шукри Офаридгор, ки имрӯз бо ташаббуси сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев барои ҳимояи иҷтимоии табақаҳои ночору нодор ба онҳо кумаки моддӣ расонида мешавад. Ҳамаи онҳо дар дафтарҳои махсус ба рӯйхат гирифта шудаанд. Аз ҷониби тадбиркорони саховатпеша низ нисбат ба онҳо хайру эҳсон зоҳир мегардад. Хуллас, имрӯз дар мамлакати мо ҳеҷ кас гурусна намемонад, барои ёфтани қути лоямут шароит ҳаст. Фақат хоҳиш, ғайрату ҳаракат лозим аст.

Дар дини мубини Ислом гуфта мешавад, ки «агар банда барои худ дари талбандагиро кушояд, Аллоҳ барои он банда дари фақириро боз мекунад». Пас, бо талбандагиву таъмакорӣ зиндагӣ фаровон намешавад. Ин хислатҳо хоси аҳли ислом нест.

Аз ҷониби дигар ҳамаи амалҳои мо ба омолу ниятҳоямон вобастагӣ доранд, агар ниятҳо неку холис бошанд, кас албатта ба мурод мерасад. Лекин афсӯс, ки имрӯз бисёриҳо инро фаромӯш кардаанду ба тамаъгирӣ даст мезананд ва бо ин амал баракоти зиндагониашонро барбод медиҳанд.

**Баҳодур БОТИРОВ,**
**имом-хатиби масҷиди**
**ҷомеъи Охунбобои**
**ноҳияи Чуст.**

# БО САЪЙ ВА САҲМИ ҶАВОНӢ



Аз Музаффар бештар дар бораи писараш – Руслан пурсидем.

– Монанди ҳамсолонаш ба боғчаи бачагона рафт, сипас дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 18-уми Гагарин хонд. Вақтҳои фориғ аз дарс таҳти сарпарастии мураббии футбол Фарҳод Чуллиев дар маҳфил ширкат варзид. Сипас, аз синфи шашум ба мактаби футболи «Пахтакор» рафт. Сармураббӣ Темур Кападзе тарбиягирандагони мактабро аз назар гузаронида, дар қатори якчанд нафар наврасону ҷавонон Русланро низ баргузин намуд, – нақл мекунад Музаффар. – Дар бозиҳои Осиё онҳо бо тамоми ҳастӣ бозӣ карданд.

– Дар Париж, зимни Бозиҳои олимпӣ бисёр меҳнат карданд, – мегӯям ба Музаффар рӯ оварда.

– Не, назар ба Олимпиада дар Қатар бозии хеле хуб намоиш дод ва писанди ҳамагон гардид, – ба суҳбат ҳамроҳ шуданд устод Шарифзода.

– Бале, Кападзе ба майдон бозингарони ҷавонро партофту «акнун ҳунари худро намоиш диҳед», гуфт, – гапи устодро тақвият бахшид ӯ.

Пас аз даме суҳбат бо Музаффар дар хусуси фаъолияти фарзандаш – футболбози ҷавону умедбахш, узви дастаи олимпии Ӯзбекистон Руслан Ҷиянов, чанд андешае ҳосил шуд.

Чуноне ки Мавлоно Ҷомӣ фармудааст:

*Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,*
*Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.*

Руслан соли 2001 дар хоҷагии собиқ ба номи Кчанови ноҳияи Пахтакори вилояти Ҷиззах ба дунё омад.

– Падарам (Худо раҳмат кунад!) гоҳ дар Пахтакор, гоҳе дар Дӯстлик механик шуда кор мекард, – мегӯяд Музаффар. – Мо соли 2003 ба шаҳраки Гагарин кӯчидем.

Падарам Ҷиянбой ва модарам Раъно зодаи деҳаи Ӯхманд. Онҳо панҷ писару панҷ духтарро ба камол расониданд. Ман фарзанди сеюм, писари калонии оила мебошам.

Манзили Музаффарро дар шаҳраки Гагарин бо осонӣ ёфтем. Ҳамон рӯз аз шаҳри Душанбе рӯзноманигор ва муҳаққиқ, устод Қироншоҳ Шарифзода барои муборакбодии набератӯйи бародараш Зарифулло омада буд. Ӯ ҳанӯз баъди бозиҳои Қатар ба мо паём фиристода, гуфта буд, ки дар бораи оилаи ин футболбози ҷавону умедбахш маводе нависем. Ва инак, бо пою қадами устод мурод ҳосил шуд. Ходими шуъбаи таълими халқи ноҳияи Мирзочӯл Нормат Қучқоров, ки ҳамсол ва рафиқи қарини Музаффар аст, ба мо роҳбаладӣ намуд.

Музаффар ҳамроҳи ҳамсараш Сайёра се писар – Руслан, Элёр ва Зарифҷонро ба воя мерасонад. Сайёра дар боғчаи бачагона ҳамчун пазанда фаъолият мебарад. Музаффар бошад, ба гуфти худаш – ҳамакора. Дар бозор савдо ҳам кард, устоӣ ҳам.

Мамнун аз он аст, ки писараш дар майдонҳои футбол маҳорати тӯбронии худро намоиш медиҳад. Умуман, дар кишвари мо ба соҳаи варзиш, хосса футбол таваҷҷуҳ бештар аст. Варзишгарон ба таври муносиб қадр меёбанд, ки имрӯз шоҳиди он ҳастем. Баъди бозиҳои Қатар ба оилаи Руслан 30 ҳазор доллари амрикоӣ мукофотпулӣ доданд.

– Руслан чӣ орзуҳо дар дил мепарварад? – мепурсам аз падараш.

– Албатта, дар дастаҳои номии қитъаи Аврупо бозӣ кардан мехоҳад, – посух медиҳад ӯ.

Руслан ҳоло дар дастаи «Навбаҳор-и Намангон тӯб меронад. Мо баробар даст ба дуо бардоштем, ки комёбиҳои беназир ба ӯ ёр шаванд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Ҷиззах.**
**Сурати ЎзА.**

*Акси садо*

# КИТОБ – БОЛИ МАЪНАВИЯТ

Аз айёми мактабхонӣ ба китоб ва рӯзномахонӣ алалхусус, ба китобҳои бадеӣ ва рӯзномаи «Овози тоҷик» меҳри хосса дорам. Ҳар як шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро бо шавқ мутолиа менамоям. Барои маънан муқтадир гаштан китобу рӯзнома чун пару бол хизмат менамояд. Барои парвози маънавии мо кумак мерасонанд. Агар ин қанотҳо, чӣ қадар мустаҳкам бошанд, майдони маънавии мо низ васеътар мегардад, имкониятҳои зиёде баҳри забти қуллаҳои нави илм пайдо мегардад.

Дар шумораи навбатии «Овози тоҷик», ки 3-юми августи соли ҷорӣ (№62) нашр шуда буд, мақолаи Сулаймон Содиқро, ки «Китобро китобхон бояд...» ном дошт, хондам. Муаллиф ҳақ аст. Кайҳо боз ман низ мехостам ин таклифро пешниҳод намоям. Ман ҳаёти худро бидуни китобу рӯзнома тасаввур карда наметавонам.

Аксари ҷавонони имрӯза вақти худро бо телефон беҳуда мегузаронанд. Ҷавононе, ки намехонанд, одобу рафтори хуброр соҳиб нестанд. Сухани бамаъние гуфта наметавонанд. Ин, албатта, хуб нест. Ин рафтору кирдори онҳо шахсро дилгир месозад.

Ба ин гуна ҷавонон раҳмам меояд. Аз ин рӯ, мо бояд роҳеро ёбем, ки ҷавонон майли хондан пайдо кунанд. Бо кадом василае набошад, онҳоро маҷбур намудан лозим. Ба ин кор раиси маҳалла, раиси занон ва дигарон бояд сафарбар карда шаванд. Пеш аз издивоҷ тавсияи китобҳо ва саволу ҷавоб намудан ба фикрам иқдоми хубест. Бо ин баҳона ҷавонон китобхон мешаванд. Дар сурати нахондан ва ба саволҳо посух надодан мӯҳлати издивоҷ ба қафо дароз шудан гирад. Дигар чора нест. Дар ин сурат волидони ҷавонон низ маҷбур мешаванд, ки фарзандонро ба китобхонӣ даъват кунанд.

Беҳуда сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев нагуфтаанд, ки: «Агар иқтисодиёт дар ҳаёти ҷамъияти мо мавқеи баданро бозад, пас китоб, яъне маънавият ҷону рӯҳи ҷамъияти мост».

Пас ҷавононро ба хониш даъват намудан вазифаи ҳар яки мост.

**Мирзоумар САФАРЗОДА,**
**коргар, сокини деҳаи Валиғунди**
**маҳаллаи Навободи ноҳияи Бӯкаи**
**вилояти Тошканд.**

***Нахустин чемпиони Бозиҳои тобистонаи олимпии 33-юм дар Париж – Диёра Келдиёрова, ки соли гузашта бо дзюдочӣ Азамат Матяқубов ақди никоҳ карда, ба Хоразм кӯч баста буд, ба зодгоҳаш – ноҳияи Пастдарғами вилояти Самарқанд омад.***

# ДИЁРА ДАР ДИЁРИ МОДАР

Барои пешвози қаҳрамони Бозиҳои олимпӣ хешу табор, ёру дӯстон, мухлисону варзишгарон ҷамъ омаданд.

Албатта, он лаҳза хурсандии ҳозирон интиҳо надошт. Ҷонишини ҳокими вилоят Рустам Қобилов ва сардори Садорати варзиши вилоят Шуҳрат Рӯзиев Диёраро табрик гуфта, аз номи ҳокими вилоят мактуби миннатдорӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ супурданд.

Сипас, Диёра ба ҳамдиёрони худ ва варзишгарон барои дастгирӣ арзи сипос намуда, таъкид кард, ки баъди ба шоҳсуфаи баланд баромадан ва соҳиби медали тилло шудан бо Сарвари давлатамон тавассути телефон суҳбат ороста, табрикоту миннатдории Президентро бо ҳаяҷону ифтихор шунидааст.

Вохӯрӣ бо таманнои комёбиҳои нав ба поён расид.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Минбари хонанда*

# ҶАШНИ ЯКАСРААТ МУБОРАК БОД!



Азбаски мо чанд сол боз дар Маркази ахбор–китобхонаи ноҳияи Фориш кору фаъолият менамоем, бинобар ин хуб медонем, ки баробари китоб рӯзнома ҳам баҳри баланд бардоштани сатҳи маънавияти мардум нақши муҳим дорад.

Мо аз он хушҳолем, ки рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро дастрас менамоем, онро мутолиа мекунем. Хушбахтона, дар саҳифаҳои он дусе маводи мо низ рӯйи чопро дид.

Имрӯзҳо ин рӯзномаи овозадор ба синни сад расид, яъне як асрро пур кард.

Мо аз номи кормандони Маркази ахбор–китобхонаи ноҳияи Фориш аҳли қалами «Овози тоҷик»-ро самимона табрику таҳният мегӯем. Ба онҳо комёбиҳои эҷодӣ ёр шавад. Бигузор рӯзнома солҳои сол ба хонандагон хидмат кунад.

Иди якасринаи рӯзномаи «Овози тоҷик» фархунда бод!

**Муҳаббат АЯСОВА,**
**Нодира ОРТИҚОВА,**
**китобдорони Маркази ахбор–**
**китобхонаи ноҳияи Фориш.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 4192. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.00



Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.



Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.